# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи "Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст.

1. Мавзуи кори диссертатсионии Исматуллои Сунъатулло, ки таҳқиқи таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Афғонистонро ҳамчун вазифаи муҳим ва рӯзмарра қарор додааст, дар шароити ҳозира дорои аҳамияти баланд ва пурарзиш ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқот нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар низоми муосири донишҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои муайян кардани ҳолатҳо ва махсусиятҳои таъсиррасониҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсию иҷтимоии Афғонистон, роҳ ва воситаҳои инкишофи онҳо мусоидат менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба низоми таъсиррасонии омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Афғонистон пайвасти қавӣ ва доимӣ доранд. Кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 3 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 маърӯза дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита пайвастанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф

инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

**5.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Исматуллои Сунъатулло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

**6.** Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Исматуллои Сунъатулло маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи “Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001–и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:
- доктори илмҳои таърих, профессор Искандаров Қосимшо;
- номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Бедилзода Ҳусайн Кабут
3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.
4. Барои нашри эълон, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои сиёсӣ — Саидов Ҳ.;

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои сотсиология, профессор — Шоисматуллоев Ш.;

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Назаров А.Қ.